**ПАЖУҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМИИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН**

**ТДУ: 371 (091) (574/575)**
**ТКБ:74.03 (5)**
**Ф – 22**

***Бо ҳуқуқи дастнавис***

**ФАЙЗУЛЛАЕВА ЗЕБУНИСО БУХОДИРОВНА**

# ҶАНБАҲОИ ТАЪРИХӢ-ПЕДАГОГИИ АРЗИШҲОИ МИЛЛИИ МАРДУМОНИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ВА МАҚОМИ ОНҲО ДАР ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ НАСЛИ НАВРАС

13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)

**АВТОРЕФЕРАТИ**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ

**ХУҶАНД – 2021**

Диссертатсия дар Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷро шудааст.

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ**<br><br>**Мушовири илмӣ:** | **Каримзода М.Б.** – номзади илмҳои филология, саркотиби илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон<br>**Гулмадов Файз** – доктори илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи назария ва таърихи педагогикаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Файзализода Ҷумахон Хол** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи психология ва сотсиологияи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>**Наврӯзова Гулшан Турсуновна** - номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи забони русии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. |
| **Муассисаи тақриздиҳанда:** | **Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** |

Ҳимоя санаи «_____» _____ соли 2021 соати _____ ______ дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-27 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, к. Мавлонбеков 1) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар китобхонаи марказии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ва дар сомонаи донишгоҳ www.hgu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат "___" ________ соли 2021 тавзеъ гардид.

**Котиби илмии шӯрои дисертатсионӣ,**
**номзади илмҳои педагогӣ, дотсент** **Бобоева С.Б.**

# ТАВСИФИ УМУМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Муҳим будани мавзӯи таҳқиқот.** Дар ибтидои солҳои 80-уми асри гузашта мардуми Осиёи Марказӣ дар таркиби Иттиҳоди ҷамоҳири шӯравӣ ҷомеаи комилан дунявӣ дошт, ки дар он бинобар қудрати сиёсиву иҷтимоии худ ғояҳои атеистии таълимоти марксистӣ-ленинӣ мақоми дин, арзишҳои динӣ ва ҳамагуна таълимоти диниро дар шуури ҷамъиятӣ комилан иртиҷоиву зарарнок ташвиқ намуда буданд. Ҳамзамон ин чунин маъно дошт, ки арзишҳои миллӣ низ чун қисми таркибии арзишҳои динӣ пазируфта шуда, гирифтори таъқиботу таҳқирҳо шуданд. Маҳз ба мақсади решакан кардани арзишҳои диниву миллӣ дар шуури ҷамъият мафҳуми ба ном фарҳанги умумии сотсиалистӣ ҷорӣ ва талқин карда мешуд.

Шароити нави сиёсиву иҷтимоие, ки баъди ба даст овардани истиқлолият дар мамлакатҳои собиқ Шӯравӣ ба вуҷуд омад, таҳия ва қабули қонунҳо, ҳамоҳангсозии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, таҳлил ва таҳияи тавсияҳо, куллан тағйир додани асноди нави меъёриро дар ҳама соҳаҳо, аз ҷумла дар соҳаи маориф ва илм тақозо намуд. Дар он ҷумҳуриҳое, ки қисми асосии аҳолиаш мусулмон аст, суръат гирифтани ҷараёни эҳёи расму анъанаҳои миллӣ, ки пеш аз ҳама ба ислом нисбат дода шуда буданд, оғоз гардида, раванди худшиносии миллӣ дар ҷомеа шурӯъ гардид. Дар муассисаҳои таълимӣ тадриҷан ва эҳтиёткорона ба роҳ монда шудани ҷараёни ворид кардани арзишҳои миллӣ ба барномаҳои таълимӣ ба нақша гирифта шуд.

Арзишҳои миллии халқҳои Осиёи Марказӣ низ чун ҷузъи таркибии арзишҳои умумибашарӣ дар анъана ва маънавиёти миллӣ бо вижагии худ таҷассум ёфтаанд. Онҳо

меъёрҳое мебошанд, ки тарзи зист ва ахлоқу рафтори мардумро ба қолаб меандозанд ва барои ба даст овардани бахту саодати одамӣ раҳнамун месозанд. Арзишҳои миллии мо моили сохти ҷамъиятие мебошанд, ки тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти инсонӣ, аз ҷумла муносибати хоси хушбинонаро ба илм ва маърифат дар бар мегиранд. Аз ин нигоҳ, омӯзиши таърих, роҳу восита ва имконоти истифодаи беҳтарин ҷанбаҳои педагогии арзишҳои миллӣ дар таҷрибаи таълиму тарбияи имрӯзаи дунявӣ беш аз пеш ба масъалаи мубрами илмӣ табдил ёфтааст ва ба он ҳамчунин педагогикаи муосири миллии халқҳои Осиёи Марказӣ ниёз дорад.

**Дараҷаи омӯзиши мавзӯи таҳқиқот.** Омӯзишу таҳқиқи ҷанбаҳои таърихӣ-педагогии арзишҳои миллӣ ва паҳлӯҳои гуногуни онро дар доираи пажӯҳиши илмӣ ва нашрияҳои илмӣ-оммавӣ бархе аз муҳаққиқони ҷамоҳири собиқ Шӯравӣ ба анҷом расонидаанд. Чунин иқдом аз ҷониби олимони рус – Ал-Алӣ Носир Абдул Раҳим, А.А.Койчуев, Е.А.Резван; пажуҳишгарони тоҷик – Н.У.Ғафаров, Козим Растагор, А.Нуров, Т.Рашидов, С.С.Тиллоев, А.А.Хайдаров, Ф.А.Ҳоҷиева, И.Челик, муҳаққиқони ӯзбек – А.А. Болибеков, Д.М.Кеҷаев, муҳаққиқони хориҷӣ – Аҳмад Шаббир, Элеанор Симс, Ҳашир Маҷока низ ба анҷом расонида шудааст ва бояд тазаккур дод, ки дар ин пажӯҳишҳо ҷанбаҳои таърихӣ-педагогии арзишҳои миллӣ ва динӣ муштарак матраҳ шудаанд.

Боз чанде аз олимон, аз ҷумла, Ш.Абдуллоев (Абдуллозода), А.Азамӣ, Д.А.Алимова, А.Арипов (Орифӣ), Т.Атахонов, М.Лутфуллоев, Ф.Шарипов, А.Я.Данилюк, А.М. Кондаков, В.А.Тишков, А.Х.Зарринкуб, Ф.Роузентал, Ф.Шарифзода, Ҷ. Файзалиев оид ба паҳлӯҳои гуногуни

педагогикаи миллӣ ва исломӣ маълумотҳои ҷолиб баён намудаанд.

Масъалаҳои арзишҳои муқаддаси миллӣ ва паҳлӯҳои гуногуни педагогикаи он бо мазмуни мусулмонӣ ва исломии он дар асарҳои як қатор олимони рус, ки аз ҷониби Россияи подшоҳӣ барои омӯзиш ва барқарор намудани ҳукумати шӯравӣ дар Осиёи Марказӣ ба ин сарзамин сафарбар шуда буданд, ба шакли маълумоти пароканда хеле зиёд аст. Ин асарҳо то ба имрӯз аҳамияти худро гум накардаанд ва дар омӯзиши таърихи ҷараёни таълим ва тадриси давраи пешазинқилобӣ аҳамияти махсус доранд. Ҳамчунин барои таҳлили масъалаи таҳқиқшаванда асарҳои Н.А.Боборовников, А.Борнс, Э.А.Вулфсон, И.Гаспиринский, А.Дониш, В.П.Наливкин, Н.П.Остроумов, П.И.Пашино, Н.Хаников ҳам аҳамияти калон доранд.

Як зумра олимон роҷеъ ба паҳлӯҳои гуногуни мақоми арзишҳои миллӣ фикру ақидаҳои пурқимат баён карда, асосҳои онро дар сарзамини Осиёи Марказӣ дар пояи фаъолияти мактабҳои мусулмонӣ ва дунявӣ, инчунин раванди омӯзиши фанҳои гуногунро дар ин муассисаҳои таълимӣ ба риштаи таҳлил кашидаанд. Асарҳои бунёдии онҳо ба қатори аввалин таҳқиқоте маҳсубанд, ки ба масъалаҳои гуногуни таълими миллӣ рӯшанӣ андохтанд. Аз ҷумла, асарҳои С.Айнӣ, В.В.Бартольд, Б.Ғ.Ғафуров барои офаридани манзараи умумӣ ва яклухти мавзӯъ кӯмаки зиёд расонданд.

Зимни таҳқиқи мавзӯи интихобшуда намунаҳои осори классикони адабиёти халқҳои Осиёи Марказӣ ва ҳадисшиносон низ баррасӣ гардида, аз онҳо маводи доманадоре оид ба ҷанбаҳои педагогии арзишҳои миллӣ гирдоварӣ шуд. Дар асарҳои онҳо ба анъана ва расму оинҳои халқҳои Осиёи Марказӣ, қоидаҳои одобу рафтор ва ахлоқи

ҷамъиятӣ аз нуқтаи назари илмӣ-адабӣ баҳо дода шуда, роҳҳои тарбия дар оила ва ҷамъият, худтарбия ва худбаҳодиҳӣ, ҷанбаҳои худшиносии миллӣ нишон дода шудаанд. Ба зумраи чунин манобеи илмӣ асарҳои Ал-Хашими Муҳаммад Алӣ, Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ, Имом ал-Мунзирӣ, Имоми Аъзам Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собити Кӯфӣ, Фаридуддини Аттор, Яҳё ибни Шарафуддин ан-Нававӣ-ро мисол овардан мумкин.

Ҳамчунин дигар таҳқиқотҳои олимони педагогика, шарқшиносон, муаррихон, файласуфон, санъатшиносон низ вуҷуд доранд, ки дар онҳо назарияи илмии таърихи давраи тоисломӣ ва исломии халқҳои Осиёи Марказӣ, арзишҳои маънавии он мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Консепсияҳои илмӣ ва хулосаҳои муҳаққиқон барои борикбинона муайян кардани аҳамияти педагогии мақоми арзишҳои миллӣ дар замони муосир ва истифодаи бомавриди онҳо дар раванди таълиму тарбияи насли наврас ёрӣ мерасонанд. Бо вуҷуди ин ҳама, масъалаи саҳми арзишҳои миллӣ дар таълиму тарбия дар шакли таҳқиқоти мақсаднок ҳадафи баррасӣ нашудааст.

Барои таҳқиқи ҳарчи амиқтари масъалаи мавзӯъ, яъне бо мақсади омӯзиши ҳолати имрӯзаи ҳамгиройии арзишҳои миллӣ дар низоми таълиму тарбия як зумра васоити таълимӣ ҳам мавриди таҳқиқ фаро гирифта шуданд. Инҳо китобҳои дарсӣ, ки имрӯзҳо дар мактабҳои ҷумҳуриҳои Россия, Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон истифода шуда, дараҷаи инъикос шудани арзишҳои миллӣ ва динӣ дар онҳо аз ҷониби мо мавриди муқоиса ва пажуҳиш қарор дода шуд. Бояд таъкид намуд, ки ҳар яке аз ин васоити таълимӣ бо назардошти талаботи имрӯзаи инъикоси масъалаҳои таҳқиқшаванда таҳия шудаанд. Онҳо: «Одобнома», «Инсон ва

ҷомеа» (Ҷомеашиносӣ), «Таърихи динҳои дунё», «Ғояи истиқлоли миллӣ ва асосҳои маънавият», «Асосҳои маънавият», «Асосҳои фарҳанги динӣ ва ахлоқи дунявӣ», «Маърифати оиладорӣ», «Эҳсоси Ватан», «Дарки олам» мебошанд.

**Ихтилофи** таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он бармеояд, ки бо тамоюли объективии мавҷуда зиёд будани ниёзҳои ҷавонон ба омӯзиши ҷанбаҳои таърихӣ-педагогӣ, хусусият ва аҳамияти арзишҳои миллӣ, зарурати шинос ва тарғиб кардани ҷанбаҳои таърихӣ-педагогӣ, хусусият ва аҳамияти арзишҳои миллӣ, рушди назариявӣ ва амалии ҷанбаҳои таърихӣ-педагогӣ, хусусият ва аҳамияти арзишҳои миллӣ ва истифодаи он дар таълиму тарбияи насли наврас ва як системаи мукаммали методӣ надоштани он мебошад.

**Мақсади таҳқиқот** – таҳқиқ ва муайянсозии ҷанбаҳои таърихӣ-педагогӣ, хусусият ва аҳамияти арзишҳои миллӣ дар таълиму тарбияи насли наврас, баррасии шарту шароитҳои педагогии истифодаи арзишҳои миллӣ чун омили таъсирбахши таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ.

**Объекти таҳқиқот** – маводи сарчашмаҳои илмӣ-адабӣ, таърихӣ-педагогӣ, ки низоми таълиму тарбияро дар ҳаёти мардуми Осиёи Марказӣ аз замонҳои хеле қадим то замони инқилоби Октябрӣ инъикос намудаанд, таҳлили бархе аз васоити таълим, ки раванди ҳамгиройии ҷанбаҳои педагогии арзишҳои миллиро дар замони муосир инъикос кардаанд.

**Предмети таҳқиқот** – ҷанбаҳои педагогии арзишҳои миллӣ, хусусият ва зинаҳои таълиму тарбияи миллӣ, ҷойгоҳи таълиму тарбия дар арзишҳои миллӣ ва мақоми арзишҳои миллӣ ҳамчун омили муҳим дар худшиносӣ ва рушди маънавиёти насли наврас.

**Фарзияи таҳқиқот** – ҷанбаҳои педагогии арзишҳои миллии халқҳои Осиёи Марказӣ дар таълиму тарбияи насли наврас ва ривоҷи илми таърихи педагогикаи ҷаҳонӣ саҳми муносиб хоҳанд гузошт, агар:

– дар асоси таҳлили далелҳои таърихӣ-педагогӣ ин фарзияи илмӣ, ки пештар аз ҷониби дигар муҳаққиқон мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст, асоснок карда шаванд;

– дар таркиби арзишҳои миллӣ, ки ҷузъи таркибии фарҳанги миллӣ мебошанд, омилҳои педагогии умумибашарӣ ба як низоми дақиқ дароварда шавад;

– аҳамияти тарбиявии арзишҳои миллӣ дар раванди таълиму тарбияи худшиносӣ ва рушди маънавиёти миллӣ чун воситаи ташаккули шахсияти комили насли наврас муаррифӣ гардад.

Аз рӯи мақсад, объект, предмет ва фарзияи таҳқиқот **вазифаҳои зерини таҳқиқот** муайян ва муқаррар карда шуданд:

1. Муайянсозии ҷанбаҳои педагогии арзишҳои миллӣ, хусусият ва моҳияти онҳо
2. Таҳқиқи таърихӣ-педагогии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ аз замонҳои қадим то ибтидои асри XX ва зинаҳои таълиму тарбияи миллӣ;
3. Таҳлили ҷанбаҳои педагогии арзишҳои миллӣ, ҷойгоҳ ва нақши таълиму тарбия дар низоми арзишҳои миллӣ;
4. Муайян намудани мақоми арзишҳои миллӣ дар рушди худшиносии миллӣ, истифодаи роҳу равиш ва шаклҳои истифодаи арзишҳои миллӣ дар раванди таълиму тадриси замони муосир чун воситаи рушди маънавиёти миллӣ.

**Асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқотро** мафҳумҳои асосии дарки назарияи диалектикӣ-материалистӣ ва талаботи аз онҳо бавуҷудоянда, назарияи маҷмӯи маълумот ва таълимот дар бораи арзишҳои миллӣ, моҳият ва нақши онҳо дар ҷомеа, асосҳои педагогиву психологӣ ва фалсафии ташаккули худшиносӣ ва ҳуввияти миллии шахс, консепсияҳои илмии дар риштаи назария ва амалияи тарбияи насли наврас аз рӯи анъана ва урфу одатҳои миллӣ мавҷуда, мероси педагогии олимони шинохтаи ватанӣ ва хориҷӣ, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ҳуҷҷатҳои расмии соҳаи маориф, ки моҳияти ҷараёни таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро муайян мекунанд, принсипҳои ягонагии мантиқӣ ва таърихӣ, системанокӣ ва илмият ташкил медиҳад. Дар давоми таҳқиқот, ҳамчунин, китобҳои илмию дарсӣ ва нуқтаи назари муҳаққиқони ҷумҳуриҳои гуногун баррасӣ гардидааст. Асоси таърихнигории корро сарчашмаҳои таърихии тоинқилобӣ, таҳқиқотҳои илмӣ ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ, ӯзбекӣ ва англисӣ, адабиёти илмию динӣ, асарҳои адибони мумтоз ташкил медиҳанд.

**Методҳои таҳқиқот:** барои ҳалли вазифаҳои гузошташуда методҳои таҳқиқотии зерин истифода карда шуданд:

– таҳлили назариявӣ, муқоисавӣ ва таърихӣ;

– омӯзиши сарчашмаҳо ва адабиёти умумидидактикӣ оид ба педагогика, психология ва методикаи таълим;

– муносибати танқидӣ;

– хулоса ва ҷамъбасткунии сарчашмаҳои адабӣ;

– банизомдарории далелҳои таърихӣ;

– таҳлилу ҷамъбасти далелу маълумоти дар ҷараёни омӯзиш ва таҳқиқот бадастомада;

– методи хударзёбӣ ва арзёбии ташхисӣ.

**Марҳилаҳои таҳқиқот.** Корҳои таҳқиқотӣ асосан дар се марҳила аз соли 2016 то соли 2020 гузаронида шуданд:

**Марҳилаи якум** (солҳои 2016–2017) – асосан ба муайянкунии сарчашмаву манбаъҳо доир ба мавзӯъ ва ба шакл даровардани объекти он, мавзӯъ, фарзия, усул, вазифагузорӣ, пешбинӣ кардани муаоммои илмӣ, таҳлили адабиёт бахшида шуд.

**Марҳилаи дуюм** (солҳои 2018–2019) – таҳия ва ба низом даровардани маводи мунтахаб аз манобеи илмӣ, таҳия ва нашри мақола ва тезисҳо, ироаи маърӯзаҳо дар конференсияву семинарҳои илмӣ-амалии муассисаҳои таълимӣ.

**Марҳилаи сеюм** (солҳои 2019–2020) – ҷамъбасти маълумоти гирдоваришуда, ба шакл даровардани пешниҳоду тавсияҳо, хулосабарорӣ, ба расмият даровардани рисолаи диссертатсионӣ.

**Навгониҳои таҳқиқот** дар чунин нуктаҳо зуҳур меёбанд:

1. Донишҳои таърихию педагогӣ дар доираи арзишҳои миллӣ муайян карда шудаанд ва ба низом дароварда шудааст;

2. Хусусиятҳои сарчашмаҳои таълимиву тарбиявии арзишҳои миллӣ, омилҳои пешқадами онҳо муайян карда шуда, таъсири мусбии онҳо ба тарбияи ахлоқӣ ва худшиносии хонандагон нишон дода шудаанд;

3. Шароит ва методҳои истифодаи ҷанбаҳои педагогии арзишҳои миллӣ чун ҷузъи арзишҳои умумибашарӣ дар таълиму тарбияи насли наврас коркард шудаанд;

4. Мақом ва нақши арзишҳои миллӣ дар раванди тарбияи худшиносии миллӣ ва рушди маънавиёти насли наврас муайян ва асоснок карда шудаанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки он барои афзун намудани донишҳои назариявӣ оид ба арзишҳои миллӣ хизмат менамояд. Назари таърихию педагогӣ ба масъалаи баррасишаванда имкон медиҳад, ки дар бораи мақоми арзишҳои миллӣ дар раванди бардавоми барқарор будани урфу одатҳои мусулмонӣ дар Осиёи Марказӣ хулосаи зарурӣ барорем ва аз дидгоҳи дунявият роҳҳои ҳамгиройии онҳоро дар замони муосир ҷустуҷӯ намоем. Барои далели назар, овардани ин нуктаҳо ҷоиз аст:

– ба назарияи педагогика мафҳуми "арзишҳои миллӣ" ворид карда шуда, имконияти истифодаи ҷанбаҳои педагогии ин арзишҳо дар муассисаҳои таълимии дунявӣ исбот карда шудааст;

– аз ҷиҳати назариявӣ истифодаи арзишҳои миллӣ, дар ҷараёни таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ, ки ҷузъи арзишҳои умумибашарӣ маҳсуб ёфта, дар раванди таълиму тарбияи муосир мавқеи муҳим доранд, асоснок карда шудааст;

– асосҳои методологӣ ва назариявии истифодаи арзишҳои миллӣ дар доираи омӯзиши фанҳои гуногуни муассисаҳои таълимӣ дода шудааст;

– мувофиқи синну сол ва хусусиятҳои фардии бачагон омӯзиши назариявии арзишҳои миллӣ тавсия карда шудааст.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** – дар коркарду ташкили технологияи баррасии арзишҳои миллӣ дар муассисаҳои таълимӣ, такмили стандарт, барнома, дастурҳои методӣ ва китобҳои дарсӣ ифода меёбад. Маводи дар диссертатсия пешниҳодшуда барои такмил додани нақшаи мавзӯъҳои дарс,

таҳияи китобҳои дарсии нав, воситаҳои таълимӣ-методии муосир мусоидат намуда, истифодаи онҳо дар курсҳои такмили ихтисос барои баланд бардоштани маърифати худшиносии омӯзгорон хизмат карда метавонад.

**Асоснокӣ ва боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқот.** Ба манбаъҳои таърихӣ асос ёфтани хулосаҳо оид ба мақоми арзишҳои миллӣ дар низоми таълиму тарбияи мардуми Осиёи Марказӣ, инчунин дар нашрияҳои илмӣ нашр шудани мақолаҳои илмӣ, дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва хориҷӣ мавриди муҳокима гардидани натиҷаҳои пажӯҳиш эътимоднокии онро муқаррар мекунад.

**Нақши муҳаққиқ дар таҳқиқи масъала аз инҳо иборат аст:-**иштироки бевоситаи муалиф дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот, дар масъалаҳои таҳлилии кори илмӣ, ҷамъоварии мавод ва таҳлили амиқи адабиёти илмӣ, таҳлил ва шарҳу тафсири маълумоти дарёфтшуда ва ба низом дароварии онҳо, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда; -муайянсозии нақш ва аҳамияти арзишҳои миллӣ дар низоми таълиму тарбияи мардуми Осиёи Марказӣ ва дар ин асос муайян кардани асосҳои методологӣ ва назариявии истифодаи арзишҳои миллӣ дар доираи омӯзиши фанҳои гуногуни муассисаҳои таълимӣ дар системаи таҳсилоти мактабӣ;-муайян кардани мундариҷа ва хусусиятҳои методикаи татбиқи марҳилаҳои алоҳидаи истифодаи арзишҳои миллӣ дар таълиму тарбияи насли наврас;- санҷиш ва таҳлили самаранокии методикаи таҳияшуда: - интишори мақолаву дастурҳои илмӣ доир ба мавзӯъ ва дар семинару конфронсҳои илмӣ-назариявии умумиҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ ба сифати маърӯза муаррифӣ намудан.

**Муқаррароти асосӣ, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд**:

1. Тавсифи муназзами ҷанбаҳои педагогӣ, мазмун ва моҳияти арзишҳои миллӣ, ки дар асоси таҳлили таърихӣ-педагогии давраҳои таърихи халқҳои Осиёи Марказӣ мураттаб шудааст.
2. Зинаҳои таълиму тарбияи миллӣ ва хусусиятҳои педагогии онҳо.
3. Ҷанбаҳои педагогии арзишҳои миллӣ ва ҷойгоҳи онҳо дар низоми таълиму тарбия.
4. Мақоми тарбиявии арзишҳои миллӣ дар рушди худшиносии миллӣ ва тарбияи ахлоқии насли наврас.
5. Аҳамияти ҳамгиройии ҷанбаҳои тарбиявии арзишҳои миллӣ дар ташкил ва ривоҷи низоми таълими муосир.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳрасти адабиёт иборат аст.

## МАЗМУНИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар **муқаддима** муҳим будани таҳқиқи мавзӯъ асоснок карда шудааст. Дар баробари таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаи зарурати истифодаи арзишҳои миллӣ, омӯхтани ҷанбаҳои педагогӣ ва инчунин аҳамияти тарбиявии онҳо дар таълиму тарбия, таъкид шудааст, ки дар таҷрибаи таҳсилоти муосир яке аз ҷузъҳои асосии тарбияи ниёгон – ҷанбаҳои педагогии арзишҳои миллӣ ва талқини дақиқи моҳияти илмии онҳо ба дараҷаи кофӣ инъикос наёфтааст.

Ҳамчунин, сатҳи таҳқиқи мавзӯъ, ҳадаф, объект, предмет ва фарзияи илмии пажӯҳиш, вазифаҳои таҳқиқот, асоси методологиву методии он ба таври возеҳ баён шудааст.

Навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот низ боэътимод асоснок шудаанд.

**Боби якум – Ҷанбаҳои таърихӣ-педагогии арзишҳои миллӣ** номида шудааст ва дар худ се зербобро дар бар мегирад.

Зербоби якуми боби якум зери унвони *«Аз таърихи фаъолияти муассисаҳои таълимӣ дар Осиёи Марказӣ аз қадим то ибтидои асри XX»* мухтасар аз таърихи ташаккул ва фаъолияти муассисаҳои таълимӣ маълумотҳоро гирдоварӣ мекунад. Таъкид шудааст, ки воқеан таълиму тарбияи миллӣ ин ҷараёни мақсадноки таълим буда, барои тарбия ва ташаккулёбии шуури миллӣ нигаронида шудааст.

Яке аз вазифаҳои муҳими имрӯз, ҷудо карда гирифтани он маводи бунёди гаронбаҳои идеяҳои ҷамъиятӣ, меъёрҳои ахлоқӣ ва анъанаҳои фарҳангӣ мебошад, ки аз онҳо барои тарбияи мукаммали насли наврас истифода бурдан мумкин аст. Вазифаи дигар, ин истифодаи беҳтарин арзишҳои миллие мебошад, ки дар фаъолияти мактабҳои мусулмонии то замони Ҳукумати Шӯравӣ мавҷуд буданд ва муайян намудани роҳҳои истифодаи онҳо дар ҷараёни таълими дунявии муосир мебошад.

Зимни таҳқиқи мавзӯъ, мо ба хулоса омадем, ки муассисаҳои таълиму тарбия дар ҳудуди Осиёи Марказӣ дар шакли муташаккилона асосан дертар пайдо шудаанд. Ҳарчанд дар замони «Авесто» дабистону дабиристонҳо фаъолият доштанд, вале оммавӣ гардидани таълим дар муассисаҳои мутамарказ дар асрҳои миёна сурат гирифтааст.

Вобаста ба мавзӯъ, қайд карда шудааст, ки дар устувории мавқеи арзишҳои миллӣ саҳми мактаб ва мадрасаҳо калон буд. Дар шаҳрҳои Осиёи Марказӣ мактаб ва мадрасаҳои калону хурд ташкил меёфтанд, ки ҳар яке дар

роҳи илму маърифатнок намудани халқ саҳми худро гузоштааст. Масалан, Л.Асророва қайд мекунад, ки Бухоро ҳам бо мадрасаҳои сершумори худ ном баровардааст. Он барои толибилмони зиёде аз шаҳру мамолики гуногун шаҳри таҳсили илму фан будааст. Бинобарин, аксарият муаллифон Бухороро пеш аз ҳама бо ҳамин ҷиҳаташ, яъне маркази мадрасаҳои зиёд буданаш таъриф кардаанд. Масалан, муаррихи давраи Аштархониён Маҳмуд ибн Валӣ (асри XVII) хизмати Бухороро ҳамчун маркази паҳнкунии илму маърифат арзёбӣ намуда, махсус таъкид мекунад, ки бинобар зиёд будани олимон, Бухороро чашмаи олимон ва илму фан меноманд.

Тибқи манбаъҳо, методҳои таълим, ки дар мактабҳои қадимӣ мавриди истифода буданд, хеле ақибмонда буда, ба ислоҳоти куллӣ ниёз доштанд. Дарсҳо якхела ва бе ягон навоварӣ гузаронида мешуданд. Дар ин бора, дертар як қатор маорифпарварон, аз ҷумла Аҳмади Дониш дар асарҳояш қайд карда буд, ки дарсҳо дилгиркунанда буда, баъзан шавқу завқи бачаҳоро нисбат ба сабақомӯзӣ батамом аз байн мебардоштанд. Дар заминаи чунин зарурати замон, дар Осиёи Марказӣ як қатор мактабҳои усули ҷадидия кушода мешаванд. Ин ҷо суханони муҳаққиқ Д.А.Алимова бамаврид оварда шудааст. Ӯ ба саволи «падидаи ҷадидия чист?», ҷавоб додааст, ки падидаи ҷадидия пеш аз ҳама ақлу хиради хеле инкишофёфта ва дониши муайяни фарҳанги шарқӣ ва аврупоӣ аст. Ислоҳоте, ки ҷадидон зери таъсири мамлакатҳои Аврупо дар Осиёи Марказӣ гузарониданд, ҳаёти маънавӣ ва ҷамъиятии халқро таҷдид намуда, онро ба замона мувофиқ гардонид.

Назар ба маълумотҳои дастрас, ҳаракати ҷадидия ин нишони баланд будани мақоми фарҳангии мусулмонони

Осиёи Марказӣ ва мустаҳкам будани мавқеи арзишҳои миллӣ дар ҳаёти халқ буд. Дар натиҷаи ислоҳотҳои ҷадидон арзишҳои миллӣ дар ҳаёти халқҳои Осиёи Марказӣ ба воситаи таълим ва тарбияи усули нав беш аз пеш реша давонида, ба зиёдшавии шумораи саводнокии аҳолӣ, ташакулёбии ақидаҳои педагогӣ, болоравии фарҳангҳои этникӣ, густариш ёфтани хату савод, кушодашавии муассисаҳои нави замонавии миллӣ оварда расонид.

Бо мурури замон ва пешрафти шуури инсоният фаъолияти муассисаҳои таълимӣ дар Осиёи Марказӣҳам тамоили навро пеша кард. Ба мазмуни таълим дар соҳаи маориф тағйиротҳои муҳим бо назардошти арзишҳои миллӣ ва анъанаҳои халқӣ ворид гардиданд.Аз ин рӯ, ба мақсади барпо намудани фазои ягонаи таълиму тарбияи миллӣ, ки кунун ба тартиби рӯз баромадааст, ҳарчи бештар таҳқиқ намудани таърихи муассисаҳои таълимиву тарбиявии ниёгон зарур аст, ки вижагиҳои анъана ва арзишҳои миллиро дар худ таҷассум намудаанд.

Зербоби дуюми боби якум *«Зинаҳо ва хусусиятҳои таълиму тарбияи миллӣ»* номида шуда, хусусиятҳои зинабандии низоми таълиму тарбияро дар ҳаёти гузаштагони мо ба риштаи таҳлил кашидааст.

Таъкид карда шудааст, ки пайдоиш ва ташаккулёбии ғояву ормонҳои педагогӣ дар таърих давраи хеле тӯлониро дар бар мегирад. Мувофиқи манбаъҳои мавҷуда, раванди таълиму тарбия дар ҳаёти аҷдоди мо асосан дар се зина роҳандозӣ мешуд: 1) маскан ва маркази тарбияи ибтидоӣ – **оила**, 2) ҷойи омӯзиши хату савод ва асосҳои дониш – **мактаб (дабистон)**, 3) маскани ҷустуҷӯи илму дониши мукаммал – **мадраса (дабиристон)**. Қайд карда шудааст, ки

чунин тақсимот шартӣ мебошад ва ҳамвора ҳар як зинаи таълиму тарбия бо асосу далелҳои илмӣ таҳлил шудааст.

Оила – таҳкурсии асосии ташаккули қиёфаи маънавии инсон ба ҳисоб рафта, ҷараёни тарбия аз оила оғоз меёбад ва аввалин арзишҳои маънавии инсон аз риояи анъана ва урфу одатҳои милливу динӣ дар оила ташаккул меёбанд. Заминаи тарбия дар оила гузошта шуда, айнан оила ривоҷдиҳандаи анъанаҳои педагогии аҷдодӣ гардид, ки минбаъд бо фарогирии бозиҳои халқӣ, маводҳои фолклор ва хатту савод ба роҳ монда шуда буд.

Муҳимтар аз ҳама, оила поягузори қиматтарин арзиши инсонӣ – адаб (тааддуб) мебошад. Адаб дар тарҷума аз забони арабӣ, маънои ботарбия, бофаҳм, ҳалим, хушахлоқро дошта, тарбият маънои парвариш ва ташаккул ёфтанро дорад. Ҳар дуи ин калимаҳо ба ҳам тавъам буда, маънои муносибати инсонро ба анъана, урфу одат ва тартиботи ҷамъиятӣ муайян мекунанд.

Таҳлили маводи мавҷуда моро ба хулоса овард, ки оиларо чун як зинаи муҳими тарбия дар ҳаёт баррасӣ намоем. Чунончӣ, аввалин рукне, ки аз тавлиди кӯдак иҷро мегардид ин гузоштани номи нек буда, он инъикоскунандаи асолати миллию фарҳанги миллат мебошад. Дар ин бора пири ҳакимони Машриқзамин Абӯалӣ ибни Сино дар китоби «Тадбири манзил» андешаҳояшро вобаста ба таълиму тарбияи фарзанд баён карда, тавсия додааст, ки пеш аз ҳама ба кӯдак бояд номи нек гузошт.

Аз рӯзҳои аввалини ҳаёти фарзанд муносибати тарафайни фарзанд ва падару модар аз рӯйи эҳтиром сурат мегирад, ки меҳру муҳаббат ва самимияти оилавиро таъмин намуда, дараҷаи адаби шахсиятро муайян мекунад. Ибтидои тарбияи кӯдак аз адаб оғоз мегардид, ки онро аз нуқтаи

назари педагогика ахлоқ низ меноманд. Тарбияи ахлоқ аз синни хурдсолӣ дар оила оғоз мешавад. Оила дар мисоли модар омӯзгори ҳаётии фарзанд аз нахуст қадамҳои ӯ буда, аввалин каломро ба фарзанд меомӯзад. Каломи модар ҳамеша талқинкунандаи рафтори нек, пиндори нек ва гуфтори неки мардуми зардуштнасабу муслимшуда буда, то ба имрӯз вирди забони ҳар як тоҷик аст.

Муҳаққиқ дар таҳлили зинабандии таълиму тарбияи миллӣ ба мактаб мавқеи хосеро нисбат медиҳад. Чунки, менависад ӯ, мактаб чун восита, саҳна ва маскани мақбултарин дар роҳи ташаккули симои маънавии фарзанд ва авлод беҳтарин аз кашфиёти инсоният ба шумор меравад, ки тавассути он олами одамӣ мазмун ва моҳияти худро бошуурона роҳандозӣ менамояд.

Дар замонҳои гузашта, меъёрҳои асосии одоб ва ё ахлоқ аз рӯйи шариат, асоси дарси мактабиро ташкил карда, он бо Ҳадисҳои шариф ва асарҳои панду ахлоқии адабиёти мумтоз таҳким бахшида мешуд. Дар чунин дарсҳо пеш аз ҳама қоидаҳои асосии шариат фаҳмонида дода шуда,ҳамин тариқ, нуктаҳои асосии одобу рафтори шахсӣ, муносибат нисбат ба каломи шариф ва дар ҳамин замина ба арзишҳои миллӣ ташаккул дода мешуд.

Мактаб чун зинаи аввали таҳсили ибтидоии маърифатӣ дар ташаккули шахсияти фарзандон аз хурдсолӣ мавқеи баланд дошт. Дар мактаб на танҳо хату савод меомӯхтанд, балки тартибу интизоми бачагонро ба чаҳорчӯбаи қонуну қоидаҳои ҳатмӣ дароварда, ҷаҳони маънавии кӯдаконро ривоҷ медоданд. Мактабҳои кӯҳна эҳтироми муҳассилинро нисбат ба арзишҳои миллӣ, урфу одат ва анъанаҳои аҷдодӣ дар пояи баланди педагогӣ ба роҳ

монда, ҳисси худшиносӣ ва худбаҳодиҳии онҳоро ташаккул медод.

Зинаи аз оила ва мактаб баландтари тарбияи миллиро мадрасаҳо ташкил медоданд, чун таълиму тарбия дар онҳо ба дараҷаи баланд ба роҳ монда шуда, доираи фанҳои азхудшаванда зиёд ва сифати таълим хуб буд.

Муҳаққиқ дар поёни зербоби мазкур таъкид менамояд, ки зинаҳои таълиму тарбия дар асоси арзишҳои миллӣ ба монанди тарбияи ибтидоӣ, омӯзиши хату савод ва асосҳои дониш, ҷустуҷӯи илму дониши мукаммал ташаккули шахсиятро мукаммал мегардонад ва омилҳои педагогии он қобили таваҷҷӯҳ мебошанд.

Зербоби сеюми боби якум, *«Ҷанбаҳои педагогии арзишҳои миллӣ»* унвон шудааст. Муаллифи диссертатсия дар такя ба манбаъҳои боэътимод ҷавҳари арзишҳои миллиро дар манзалати танзимгарии динҳо дарёфта арзишҳои диниро дар ташаккули ахлоқу одоб маҳз бо асосҳои педагогии худ аз азал то ба имрӯз пайгирӣ мекунад. Оинҳои зардуштӣ, оинҳои дини ислом дар ақлу идрок ва қалбу эҳсосоти халқ ҷой гирифта, мақому эътибори худро дар пояи баланд нигоҳ медоштанд.

Ҷанбаҳои педагогии арзишҳои миллӣ дар ҳаёти халқҳои Осиёи Марказӣ бештар дар заминаи арзишҳои динӣ зуҳур мекунанд. Чунки маҳз арконҳои асосии динҳои аҷдодӣ, ки арзишҳои пурқиммат доранд, баҳри покии виҷдон ва волоияти ақлу хирад хизмат намуда, инсонро ба мақоми баланд сазовор гардонидааст. Чунин асосҳои назариявӣ дар давоми чандин садсолаҳо аз насл ба насл гузашта, мақоми худро то ба имрӯз нигоҳ дошта меояд, ки онро феномени динӣ номидан мумкин аст.

Зимни баррасии мавзӯи ҷанбаҳои педагогии арзишҳои миллӣ, албатта онро дар ҳамбастагӣ бо омилҳои педагогии

динҳо, аз ҷумла дар дини Ислом мебояд матраҳ намуд. Ба мақсади ифода кардани омилҳои педагогӣ дар дини ислом танҳо таърифи нисбии барои ҳамагон мақбул оварда мешавад, ки дар манбаъҳои эътирофшудаи илмиву динӣ инъикос ёфтаанд. Дин – қоида ва меъёри ҳаёт мебошад, ки интихобкунандагон ва пайравони худро ба некиҳои ҳарду олам таблиғ мекунад. Гузашта аз ин, «Ислом – ин дини тарбия ва таълим аст, ки мақсади асосии он ба воя расонидани инсони комил мебошад». Ба назари муҳаққиқ, аз таърифи фавқ бармеояд, ки дини ислом фарҳанги ғановатманд аст ва барои ташаккули худшиносиву худогоҳии халқу миллатҳои гуногун зери як партав нақши бузург мебозад. Маҳз дар ҳамин нукта, мавҷудияти омилҳои педагогии он зоҳир мешавад ва мантиқан моро ба таҳқиқи ин омилҳо дар соҳаҳои таълим ва тарбия раҳнамун месозад.

Таъкид мегардад, ки имрӯз оиди ин масъала олимони соҳаҳои гуногун кор мебаранд. Ба фикри баъзеи онҳо, истифодаи омилҳои педагогии ислом ба инкишофи иқтисодии ҷамъият мусоидат карда метавонанд. Ба фикр олими рус А.А.Койчуев, «як зумра мусулмонон дар он фикранд, ки омилҳои тарбиявии ислом, имкониятҳои дар ҳақиқат васеи он дар ҷодаи тарбия, ба ғайр аз дигар масъалаҳо ба ҳалли муаммоҳои замонавии таълим низ равона карда шаванд. Ислом, аз рӯи нигоҳи мусулмонон, ин воситаи универсиалии ҳалли масъалаҳои шахсият ва муаммоҳои иҷтимоие мебошад, ки ба инкишофи иқтисодии ҷамъият низ мусоидат мекунанд».

Дар замони муосир, дар заминаи таҳқиқи арзишҳои миллӣ ва ҷанбаҳои гуногуни он, рӯй овардан ба пӯишу таҳқиқи омилҳои педагогӣ дар дини ислом сабабҳои худро дорад. Аввалан, дар вазъияте, ки арзишҳои ба мо бегона,

таълимот ва назарияҳои ғайр бо роҳҳои ошкорову пинҳонӣ сарҳадҳои маънавиятро шикаста ба ҷомеа асосҳои маънавии махлутро ҷорӣ карданӣ мешаванд, мебояд роҳҳои гуногуни таълиму тарбияро биҷӯем. Вагарна, ворид шудани таассубу хурофот, коштани тухми кинаву адовати диниву мазҳабӣ, суиистифодаи ислом бо ғаразҳои гурӯҳӣ, сиёсӣ ва шахсӣ ба тамоюли хатарнок табдил ёфта истодааст. Бахусус, олами маънавии насли ҷавон коста, ба такмил, тарвиҷ ва тасҳеҳи доимӣ ниёзи сахт дорад. Аз ҳамин сабаб, дар назди илми педагогика ва тамоми ҷамъият вазифаи муҳими таҷдиди назар кардан ба арзишҳои мусбии дини ислом ва ҷанбаҳои маънавӣ-ахлоқии он истодааст, то ки аз тариқи рангоранг намудани мазмуни тарбияи миллӣ дар пояи арзишҳои миллӣ дараҷаи таъсири он афзун гардад. Сонияи, бояд таъкид намоем, ки омӯзиши асолати маънавии ислом ва аркони он, ба таври объективӣ таҳқиқу таҳлил намудани омилҳои педагогии он ва муайян кардани қоидаҳои истифодаи онҳо дар таълим ва тарбияи муосир боз як роҳи тақвияти раванди худогоҳиву худшиносии халқу миллатҳо мебошад. Барои расидан ба мақсади гузошташудаи худ муаллифи рисола ба таҳлили манбаъҳои таърихӣ-педагогӣ рӯй оварда, кӯшиш ба харҷ додааст, то ки омилҳои педагогиро дар арзишҳои миллӣ ва таълимоти дини ислом ба риштаи илмӣ бикашад.

Муҳаққиқ, барои тақвияти фикрҳои боло, ҳолати истифодаи омилҳои педагогии исломро чун ҷузъи таркибии арзишҳои миллии мусулмонон, дар чанде аз мамлакатҳо таҳлил намудааст. Чуноне маълум гардид, дар китоби дарсии «Асосҳои фарҳанги динӣ ва ахлоқи дунявӣ»-и (синфҳои 4–5) муассисаҳои таълимии Федератсияи Россия ба ин масъала чунин баҳо дода шудааст: «Аллоҳ ба одамон дар корҳои нек мададгор буда, аз иқдоми зишт онҳоро бозмедорад. Агар касе

ягон кори бад кардани̣ бошад, Аллоҳ ба ин кори ӯ монеа намешавад, вале гунаҳкорро ҷазо медиҳад». Дар мисоли мактабҳои Федератсияи Россия маълум мешавад, ки тарбияи ахлоқи ҳамида ва сиришти накӯ, асоси фаъолияти низоми маорифро ташкил карда, дини ислом низ ба мазмуни барномаҳои тадрисӣ ворид карда шудааст.

Дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон низ падидаҳои ахлоқии исломӣ ҳоло ба барномаи тадрисии қариб ҳамаи фанҳои гуманитарӣ аз синфҳои поёнӣ то синфҳои болоӣ ворид карда шудааст. Аз соли хониши 2020/2021 фанни нав ба унвони «Тарбия» ҷорӣ карда шуд, ки аз синфи 1 то синфи 9 тадрис мешавад. Фанни мазкур дар заминаи фанҳои «Одобнома» (1–4), «Эҳсоси Ватан» (5–6), «Ғояи миллӣ ва асосҳои маънавият» (7–10) таҳия гардидааст ва асоси тарбияро дар такя ба арзишҳои миллӣ баррасӣ менамояд.

Таҳлили китобҳои дарсӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ масъалаи ахлоқи нек бештар дар асарҳои панду ахлоқии намояндагони мумтози адабиёти тоҷик вомехӯрад ва мавриди омӯзиши муҳассилин қарор мегирад.

**Боби дуюм – «Аҳамияти педагогии ҳамгиройии ҷанбаҳои тарбиявии арзишҳои миллӣ дар замони муосир»** ном дорад ва ҳамчунин аз се зербоб иборат мебошад.

<u>Зербоби якуми боби дуюм</u> зери унвони *«Ҷойгоҳ ва нақши таълиму тарбия дар арзишҳои миллӣ»* мавқеи таълиму тарбияро дар ҳаёти халқҳои Осиёи Марказӣ чун ҷузъи таркибии арзиши миллӣ баррасӣ менамояд. Муаллифи диссертатсия таъкид менамояд, ки аълотарин арзишҳои инсонӣ дар ташаккули симои маънавӣ – таълим ва тарбия, аз замонҳои қадим барои тамоми аҳли башар мавқеи муҳим дошта, дастовардҳои имрӯзаи он натиҷаи машаққат ва сайъу

кӯшиши инсоният тӯли қарнҳои зиёд мебошад. Таълим ва тарбия фаъолияти одамонро барои гирифтани дониш, малака ва маҳорат, такмил ва тарвиҷ додани он равона месозад ва ҳамин тариқа ба ташаккулёбии ҳамаҷонибаи шахсият имконият фароҳам меорад. Арзишҳои умумибашарӣ аз авлод ба авлод гузашта, то ба имрӯз чун муҳимтарин раҳнамо ва раҳбаладиі халқ мустаҳкам гардидаанд ва дар ҷамъият мавқеи муҳим доранд.

Муҳаққиқ фикри яке аз пажӯҳишгарони соҳаи педагогикаи тоҷик А.Нуровро меорад, ки тибқи он дини ислом дорои ганҷинаи арзишҳоест, ки иқтидори педагогӣ доранд. Эҳё намудани беҳтарин арзишҳои исломӣ дар замони кунунӣ метавонад ба баланд бардоштани сифат ва дараҷаи маърифатнокии халқ, ба самаранокии тарбияи насли наврас ҳарчи бештар муосидат намояд. Арзишҳои умумибашарӣ ва миллӣ таърихи дуру дароз дошта, дар асоси талаботи замон, шароитҳои объективӣ, субъективӣ ва табиӣ ташаккул ва тарвиҷ ёфтаанд ва аз насл ба насл чун муқаддастарин эҳсос ҳифз шуда омадаанд. Арзишҳои дини ислом чун қисми таркибӣ ва идомаи арзишҳои маънавии умумибашарӣ дар худ фазилат ва хислатҳоро аз қабили оила ва эҳтироми аъзоёни оила, одоби шахсӣ ва ахлоқи ҷамъиятӣ, меҳнати ҷисмонӣ ва фикрӣ, китоб ва китобхонӣ, дӯстӣ ва таҳаммулпазирӣ фаро мегирад.

Ба фикри устод М.Лутфуллоев «халқҳо ва миллатҳо дорои ду навъи арзишанд: арзишҳои моддӣ ва арзишҳои маънавӣ. Арзишҳои моддӣ, аз қабили неъматҳои моддӣ натиҷаи арақи ҷабин, обилаи кафи дастон, ки талаботи ҷисмонии одамро қонеъ мегардонанд» ва «арзишҳои маънавӣ, аз қабили ватану ватанхоҳӣ, меҳнат, сулҳ, дониш, хонавода,

фарҳангу маданият, ки маҳсули ақлу хирад, рӯҳ буда, дили инсонро қонеъ, маънавиётро ғанӣ мегардонанд».

Олими тоҷик Ф.А.Ҳоҷиева оиларо таҳкурсии таълим шуморида дар он ақида аст, ки «аввалин донишҳои худро фарзанд аз падару модари худ мегирад. Бо ёрии онҳо фарзандон таҷрибаи аввалин дар бораи одобу рафтор, маданият, ахлоқ андӯхта, бо урфу анъанаҳо шинос мешаванд». Ӯ хулоса кардааст, ки «айнан муҳити оилавӣ дар ташаккули шахсияти фарзанд мавқеи баланд дорад».

Дар китоби дарсии «Эҳсоси Ватан», ки дар макотиби Ӯзбекистон ҷорӣ карда шудааст, мавзӯе ҳаст ба унвони «Оила – тимсоли Ватан». Дар он чунин сатрҳо ҷой дорад: «Якҷоя бо аллаи модар дар қалби кӯдак рӯҳи миллӣ ҷой мегирад. Ин рӯҳи миллӣ – эҳсоси Ватан мебошад» ва ривояте аз Имом Бухорӣ бо номи Модари Имом Бухорӣ оварда шудааст: «Ривоят мекунанд, ки чашми Муҳаммад ибни Исмоил Бухорӣ дар кӯдакиаш ба туфайли як тасодуфи нохуш оҷиз шудааст. Модараш шабу рӯз «ба чашми писарам шифо деҳ» гӯён ба Аллоҳ илтиҷо мекардааст. Рӯзе аз рӯзҳо ба хоби модар пайғамбар Иброҳим (а) даромада ба ӯ: «Дуоҳои ту қабул шуданд, писарат акнун шифо меёбад» гуфтааст. Баъди ҳамин, чашми Муҳаммади ҷавон кушода шудааст. Вай қарор додааст, ки ҳаёти худро ба ҷамъоварии ҳадисҳои пайғамбар мебахшад ва чун ҳадисшиноси барҷаста ба воя расидааст».

Ғояҳои таҳаммулпазирӣ дар фарҳанги халқҳои Шарқ аз қадимулайём ҷойгоҳи махсус дорад. Таҳаммулпазирӣ ва тарафдории некӯахлоқӣ, дурӣ ҷустан аз корҳои зишт, сайъу ҳаракатҳои манфӣ ва харобиовар бо ташаккулёбии одоби нек дар ҷамъият пайвастагии қавӣ дорад. Ба гуфти академик М.Лутфуллоев: «Ислом кӯшиш мекунад ҷомеаи одамоне

бисозад, ки бунёди онро на миллатгароӣ, нажоду рангу пӯст, балки ягонагии дину асосҳои маънавӣ ташкил намояд»

Зарурати тарбияи одам дар рӯҳияи таҳаммулпазирӣ ҳама вақт дар шаклҳои гуногун дар ақидаҳои маорифпарварони бузурги ҳамаи халқҳо ва дину мазҳабҳо вуҷуд дошт. Ин ақидаҳо бояд бо таҳаммул дар тарбияи насли наврас корбаст карда шаванд.

Мусаллам аст, ки дар соҳаи таълим ва тарбия идеяи таҳаммулпазирӣ дар тамоми кишварҳои Осиёи Марказӣ ва берун аз он ба яке аз масъалаҳои дараҷаи давлатӣ табдил ёфтааст. Масъалан дар Россия, ки яке аз давлатҳои бисёрмиллата мебошад, ҳама зери шиори Ватани умумӣ зиндагонӣ мекунанд. Давлати Россия дар тасдиқи принсипҳои таҳаммулпазирӣ соҳаи педагогикаро пешбар мешуморад. Дар яке аз сарчашмаҳои педагогӣ дар ин бора омадааст: «Таҳаммулпазирӣ афззалияти арзишҳои умумиинсониро инъикос карда, шарти асосии сохтмони ҷамъияти демократӣ мебошад».

Дар ҷамъбасти зербоб муаллифи диссертатсия изҳори назар мекунад, ки мафҳуми «таҳаммулпазирӣ», ки ба фанни педагогика ба қарибӣ ворид гардид,  чун муносибатҳои олии байни одамон метавонад, ба сифати арзиши маънавӣ ва меъёри фарҳангӣ шинохта шавад. Таҳаммулпазирӣ, бояд айнан дар солҳои мактабхонӣ ташаккул ёбад, чунки он яке аз шартҳои асосии камтар кардани шиддатнокӣ дар ҷамъият мебошад.

Ба фикри муҳаққиқ, дар шароити кунунӣ зарур аст, ки ба кори ташкили ҷамъияти шаҳрвандӣ наврасон ва ҷавонон бояд  ҳарчӣ фаъолтар ҷалб шаванд. Дар онҳо эҳсоси ватанпарварӣ, меҳанпарастӣ, иззати нафсро тарбия намуда, ташаккули чунин сифатҳои шахсият ба монанди:

ташаббускорӣ, боғайратӣ, бомасъулиятӣ, мустақилӣ, равона кардани комёбӣ на танҳо дар алоҳидагӣ, балки бо мақсади аҳамияти иҷтимоӣ ташаккул дода шавад.

Зербоби дуюми боби дуюм *«Мақоми арзишҳои миллӣ дар рушди худшиносии миллӣ»* ба арзёбии худшиносии миллӣ чун падидаи басо муҳими замони муосир ва нақши арзишҳои миллӣ дар ташаккули он бахшида шудааст. Ба ақидаи А.Богдасаров, «Шуури миллӣ ин маҷмӯи ақоиди иҷтимоӣ, сиёсӣ, экологӣ, маърифатӣ, эстетикӣ, фалсафӣ, динӣ ва ғайра мебошад, ки мазмун, сатҳ ва хусусияти ривоҷи маънавии умумиятҳои гуногуни миллиро инъикос мекунад. Пас, шуури миллӣ ҷиҳатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ, маънавии ҳаёти иттиҳодияҳои миллиро акс менамояд».

Мусаллам аст, ки дар ҳама давру замон насли наврас ба воситаи тарбияи оилавӣ, идеологияи ҷамъият, маҷмӯи таълиму тарбияи мактаб ва дигар муассисаҳои таълимӣ бо арзишҳои умумибашарӣ ва миллӣ шинос мегардид. Пас, худшиносии миллӣ бо роҳи  ташаккули иҷтимоии шахс, тарбия ва худтарбия зери таъсири омилҳои объективӣ ва субъективӣ зуҳр мекунад. Имрӯз ҳам мактаб чун воситаи таъсирбахши эҳёи милливу фарҳангӣ баромад мекунад ва дар қалби муҳассилин худшиносии миллиро ташаккул дода метавонад. Чунки худшиносии миллӣ ва ҳифзи хотираи таърихӣ, бузургдошти забон ва мероси фарҳангӣ, аз ҷумла арзишҳои исломӣ бояд ба он равона карда шавад, ки симои миллат, суннатҳои давлатдорӣ ва расму оинҳои аҷдодӣ ҳарчӣ бештар ташаккул ёбанд. Дар ин роҳ мактаб саҳнаи асосии тарвиҷдиҳандаи ин идеяҳо ба насли наврас мебошад, киояндаи халқу миллатро ташкил медиҳанд.

Тӯли садсолаҳо халқҳои Осиёи Марказӣ бо ҳар роҳу восита ҳувияти миллиро тарғиб карда тавассути он рӯҳи

миллироро таҳким мебахшиданд. Худшиносии миллӣ асоси ҳаёти маънавии ҳар гуна халқу миллатро ташкил медиҳад. Шинохтани аслу насаби худ, шинохтани Худои таъоло ва шинохти миллӣ аз худшиносӣ сарчашма гирифтаанд. Тамоми осори илмиву адабии донишмандтарин намояндагони халқҳои Осиёи Марказӣ, ки бешубҳа як бахши азими ҷаҳонбинии миллиро ташкил медиҳад, ба худшиносии миллию фарҳангӣ бахшида шудааст.

Худшиносии миллӣ ин дараҷаи шуури шахсӣ ва ҷамъиятӣ, маҷмӯи тасаввурот ва анъанаҳои миллӣ аст. Он падидаест инъикоскунандаи хусусиятҳои рӯҳиву равонии афроди ҷомеа, дараҷаи шинохти мақом ва нақши таърихию сиёсии миллат – шуури таърихӣ ва шинохти ҷойгоҳи худ дар тамаддуни ҷаҳонӣ, ташаккули ифтихору ғурури созандаи миллӣ. Худшиносии миллӣ интиқолдиҳандаи идея, фикру ақида ва тасаввуроти гузаштагон ба замони ҳозира ва оянда мебошад.

Худшиносии миллӣ ва ҳифзи хотираи таърихӣ, бузургдошти забон ва мероси фарҳангӣ барои ҳарчӣ бештар ташаккул ёфтани симои миллат, суннатҳои давлатдорӣ ва расму оинҳои аҷдодӣ равона карда мешаванд. Ҳар як халқ ба арзишҳои таърихии худ ҳамеша ниёзмандии зиёд дорад. Ин арзишҳо пайваста ва оқилона барои тарбияи ахлоқию маънавии наслҳо истифодамегарданд. Дар назар бояд дошт, ки бо роиҷ гаштани ислом фарҳанги миллӣ бо фарҳанги исломӣ омезиши рангине пайдо карда, арзишҳои таърихии халқҳои Осиёи Марказӣ фарҳанги исломиро боз ҳам ғанӣ гардониданд.

Анъана, расму оинҳои миллӣ, ки ақлу заковат, хиради азалӣ, фарҳангпарвариву инсондӯстии мардумро инъикос мекунад, асоси худшиносии миллӣ буда, тавассути таълиму

тарбияи хуб ва донишу маърифати баланд ба даст меояд. Агар худшиносӣ мақому манзалати инсонии худро бо решаҳои таърихӣ бо сарнавишти миллату халқи худ дарк кардан дониста шавад, пас он ҳатман бо расму оини миллӣ муштарак аст.Аз ин боис барқарор намудани арзишҳои муҳими миллӣ, ки дар урфу одат ва ахлоқи мардуми Машриқзамин ҷой гирифтааст ва аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок намудани истифодаи онҳо дар таълиму тарбия имрӯз вазифаи муҳими соҳаи педагогика ба шумор меравад. Гузашта аз он, таълиму тарбия дар он сурат пойдор хоҳад монд, ки хусусиятҳои миллиро таҷассум намуда, нигаҳдори арзишҳои таърихии халқу миллат, мояи равнақу ривоҷи худшиносӣ ва ифтихори миллӣ бошад.

Зербоби сеюми боби дуюм, ки *«Омилҳои тарбиявии арзишҳои миллӣ дар рушди маънавиёти миллӣ»* унвон шудааст, ба таҳқиқи масъалаи басо мубрами замон – таъмини волоияти сатҳи маънавиёти миллӣ бахшида шудааст. Имрӯзҳо ҳифзи арзишҳои исломӣ, ки ҷузъи арзишҳои умумибашарӣ мебошанд, аз ҳарвақта бештар муҳимият пайдо кардаанд, зеро инсон ҳамеша бо маънавиёт ва фарҳангу маърифат, ки сифатҳои фитрии инсон ба ҳисоб меравaнд зиндаву пойдор буд. Дар замони муосир рисолати муқаддаси тарбияти маърифати волои миллат, хосатан таъмини камолоти маънавии наврасон ва ҷавонон, дар баробари дигар соҳаҳо асосан ба зиммаи аҳли заҳматкаши соҳаи педагогика вогузор шудааст.

Таркиби арзишҳои миллӣ барои ташкил кардани барномаҳои таълим таҳкурсии асосӣ буда, сарчашмаи асосии ин арзишҳо ҳаёти халқҳо, фарҳанг ва таърихи онҳо аст. Аҳамияти арзишҳои миллӣ аз он иборат аст, ки он метавонад муқовимати инсонро бар ҳар гуна ғояҳои номатлуб, ки ба

таҳкурсии давлатдорӣ, дину мазҳабдорӣ ва албатта, ба пояи ватандории миллатҳо  зарба мезананд, пурзӯр намуда, барои пурмаҳсул истифода бурдани дастовардҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ равона созад.

Инсонро умумиятҳои бузурге, амсоли миллат, мазҳаб, дин ва одамият муттаҳид месозад ва агар зарур ояд, ба ҷониби ҳадафҳои мушаххас сафарбар карда метавонанд. Аз ин боис, истифодаи арзишҳои динӣ чун яке воситаҳои муҳими аз нав таҷдид намудани арзишҳои миллӣ ва татбиқи он дар ҷараёни таълиму тарбия, яке аз масъалаҳои муҳими пешгузоштаи соҳаи маориф мебошад. Дар ин ҷода вазифаи муҳимтарин тарбияи шахсияти худшиносу ватандӯст, дорои масъулияти баланди иҷтимоӣ, соҳиби донишу ҷаҳонбинии муосир ва ниҳоят шахсияте мебошад, ки қобилияти шинохти равандҳои мураккаби ҷаҳони имрӯзаро дошта бошад.

Ҳангоми ҷустуҷӯи роҳу воситаҳои навини истифодаи арзишҳои динӣ дар таълиму тарбия, чун қисми таркибии арзишҳои миллӣ, лозим меояд, ки айнан ба баъзе саволҳо ҷавобҳои саҳеҳ дода шавад. Масалан, насли наврасро чӣ гуна бояд тайёр кард, ки онҳодар маърифатнокию ҷаҳонбинӣ сазовори ифтихор буда, худшиносии миллӣ, ифтихори ватандорӣ ва масъулияти шаҳрвандии онҳо баланд бошад.Дар ин ҷода ба барномаи таълимии мактаб ҳарчӣ бештар дохил намудани асосҳои миллии таълиму тарбия мавқеи баланд дорад. Дар ин кор бояд муҳити таълимии мукаммал, ки фаъолияти ҷории таълимӣ, берун аз синфӣ ва берун аз мактабро дар бар гирифта, хусусиятҳои таърихӣ-фарҳангӣ, этникӣ ва минтақавиро дорад, ташаккул дода шавад. Зимни чунин иқдом албатта истифодаи арзишҳои динӣ ба сифати як воситаи таҷдиди арзишҳои миллӣ бояд дар мадди назар бошад.

Дар ин замина таъкид кардан ҷоиз аст, ки масалан, дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба барномаи таълимии муассисаҳои таълими миёнаи умумӣ фанни «Ғояи истиқлоли миллӣ ва асосҳои маънавиёт» (Тарбия) дохил карда шудааст, ки барои синфҳои 7–11 пешбинӣ шуда, дар он дар бораи ғояи асосии истиқлолият ва асосҳои маънавиёт дар давраи давлатдории навини Ӯзбекистон сухан меравад. Мақсади асосии ин фан ташаккул додани ҳисси ватандӯстӣ ва садоқат ба ғояи истиқлоли миллӣ мебошад. Китоби дарсӣ ғояи бунёди ҷамъияти ҳуқуқии демократиро ба миён гузошта, онро дар асоси ҳамоҳангии арзишҳои умумибашариву миллӣ ва ба инобат гирифта шудани хусусиятҳои миллии халқ имконпазир мешуморад.

Ҷиҳати таъмин намудани вазифаҳои пешгузошташуда дар барномаҳои давлатии тарбияи насли навраси ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ вазифаҳое чун: баланд бардоштани сатҳи тарбияи насли наврас, бардоштани пояи одоби муошират, риояи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, дар рӯҳияи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ ва ҷавонмардиву ахлоқи ҳамида ба воя расонидани хонандагону донишҷӯён, фароҳам овардани шароити зарурӣ барои дастгирӣ, сарпарастӣ ва тарбияи насли наврас, ба роҳ мондани низоми корҳои тарбиявӣ бо аҳли ҷомеа ва ғ. пеш гузошта шудаанд.

Дар такя ба арзишҳои асосии таълиму тарбияи ниёгонамон, ки ҷузъи арзишҳои миллиро ташкил медиҳанд, консепсияи таълиму тарбияи муосирро дар асоси ғояҳои мазкур ба тартиб овардан мумкин аст. Ин ғояҳо ба анъана ва урфу одатҳои миллӣ такя намуда, то ба имрӯз дар тӯли таърихи чандинасраи халқҳои Осиёи Марказӣ мақоми таълиму тарбияи аҷдодии моро баланд бардоштаанд.

Табиист, ки илму маърифат, расму оин, марзу бум, забон, ваҳдату сулҳу субот ва муққадасоти дигар барои бақои ҳар як миллат зарур буда, маҳз ҳамин арзишҳо барои рушди давлат ва миллат хизмат мекунанд. Дар ин ҷода баланд бардоштани дониши динӣ ва дунявии ҷавонон метавонад, омили паст шудани гароиши ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои тундрав дар ҷомеа гардад. Ҳамаҷониба густариш бахшидани худшиносиву худогоҳии миллӣ, ҳисси ватандӯстиву ватандории муҳассилин ва баланд бардоштани маърифати сиёсиву ҳуқуқии онҳо, яке аз ҳадафҳои имрӯзаи рушди давлатдории миллӣ маҳсуб мешавад.

Дар китоби дарсии «Инсон ва ҷомеа» (барои синфҳои 10-уми муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон) боби махсуси «Урфу одатҳои миллӣ» ба насли наврас моҳияти урфу одатҳои мусулмонӣ ва нақши онҳоро дар ҳаёти халқи тоҷик ва миллатҳои ҳамсояи мусулмон кушода медиҳад. Дар хусуси одатҳои миллӣ аз ҷумла чунин меояд: «Мардум одатҳои хуби зиёде доранд. Яке аз онҳо одоби салому алейк мебошад» ва дар ҳамин ҷо инчунин қайд мешавад: «Мувофиқи анъанаю одатҳои миллии тоҷикӣ ба касе об ва нону намак додан одати муқаррарӣ ва савоб аст».

Рушди арзишҳои маънавӣ ва гиромидошти худшиносии миллиро бозгашт ба решаҳои маънавӣ ҳисобидан мумкин аст. «Дар ҷараёни таҷаддуд ва ташаккули худшиносии маҳаллӣ умумияти хотираи фарҳангӣ, барқарор намудан ва ҳифз кардани таърихи ватани азиз арзиши баланд дорад».

Дар такя ба манбаъҳо, муҳаққиқ қайд менамояд, ки ҳар як миллат арзишҳои худро ташаккул дода, ҳамчун муқаддасот аз насл ба насл мегузаронад. Ба ҷумлаи онҳо чунин арзишҳои миллӣ чун эҷодиёти бебаҳои санъат, санъати

бемисли меъморӣ, урфу одат, анъана ва маросимҳои миллие, ки халқ дар давоми муборизаи худ барои бахту саодат ба даст овардааст, шомил мебошанд. Ин гуна арзишҳои миллӣ, инъикосгари руҳияи халқ, орзуву омол ва ҳиссиёти миллӣ мебошанд.

Тарбияи насли наврас дар руҳияи қадршиносӣ ва эъзози арзишҳои миллӣ аҳамияти таърихӣ ва амалӣ дорад ва ҳамеша «арзишҳои умумибашарӣ ҳамчун сарвати бебаҳои ҳар гуна халқу миллат ба мазмун ва мундариҷаи арзишҳои миллӣ ғановат мебахшиданд».

**Хулоса ва тавсияҳо.**

Дар хулосаи диссертатсия муаллиф ҷамъбасти умумии таҳқиқотро ба низом дароварда, таъкид мекунад, ки пас аз чандин соли фаромӯшӣ, баъди ба даст омадани истиқлолият дар ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ эҳтироми ҳамаи суннату оинҳои муқаддаси аҷдодӣ, аз ҷумла пос доштани қадру қимати давлати миллӣ ба ҳар фарди бедордил пешниҳод гардид. Имрӯз ба таври тадриҷӣ арзишҳои миллӣ дар фарҳанги моддӣ ва маънавии халқҳо, ҳаёти иҷтимоӣ ва муносибатҳои оилавии онҳо низ инъикоси худро меёбад. Заминаҳои фарҳангӣ ва махсусан педагогии арзишҳои миллӣ имконият медиҳанд, ки як қатор омилҳои таълиму тарбиявии онҳо мавриди омӯзиш қарор дода шуда, моҳияти ин арзишҳо чун гуманизм, росткорӣ, некӣ, саховат, покии руҳу тан ва афкори гаронмояи педагогии миллӣ барои ҳамагон дастрас гардад.

Воқеаҳои солҳои охир, ки дастгирӣ ва пайравӣ ба ақидаҳои бемуросо ва таҳаммулнопазир чун тундгароӣ, ифротгароӣ ё худ экстремизм зиёд гардида, зиддиятҳои этникӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ба шиддатнокшавии ин ҷараёнҳо меорад, зарурияти таҳқиқи моҳияти солимонаи

инсонпарварона доштаи арзишҳои миллӣ ва роҳу воситаҳои омӯзиши ҷанбаҳои педагогии онро бахусус дар муассисаҳои таълимӣ ба миён мегузоранд.

Аз таърих маълум аст, ки мақоми арзишҳои миллӣ дар ҷараёни таълим ва тарбияи халқҳои Осиёи Марказӣ решаҳои мустаҳкам дошта, чун сарвати бебаҳои маънавӣ, ки саросар пур аз арзишҳои тарбиявӣ мебошад ба роҳ монда шуда буд. Дар тадқиқоти мазкур мақоми арзишҳои миллӣ чун яке аз омилҳои ғанӣ гардонидани низоми тарбияи ахлоқӣ дар муассисаҳои таълимии замонавӣ низ дида баромада шудааст. Дар ҷараёни таҳқиқи мавзӯи интихобшуда мо бо мазмуни барномаҳои мактабии Федератсияи Россия, Ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Тоҷикистон ва Қазоқистон шинос гардида, мавқеи арзишҳои миллию исломиро дар онҳо ба риштаи таҳқиқ кашида, имконияти истифодаи ин арзишҳо дар ҷараёни таълими дунявӣ омӯхта шуд.

Таҳлили педагогии имконияти истифодаи бомақсади шакл ва методҳои истифодаи  арзишҳои миллӣ дар ҷараёни таълим ва тарбия, ки аз замонҳои қадим то кунун дар урфу одат ва анъанаҳои халқҳои Осиёи Марказӣ таҷассум ёфтаанд ва ҳамгиройии ин омилҳо дар замони муосир имконият медиҳанд, ки чанд хулосаҳои зерини тадқиқотро пешниҳод намоем.

Таҳқиқи мухтасари таърихи фаъолияти муассисаҳои таълимӣ-динӣ дар Осиёи Марказӣ шаҳодат медиҳад, ки мактабу мадрасаҳои ин сарзамин ба инкишофи илму адаб саҳми арзандае гузоштаанд. Мувофиқи ақидаи олимон ва аввалин пайкорони роҳи дониш дар Осиёи Марказӣ, беҳтарин арзишҳои миллӣ халқро роҳнамун месохт, ки онҳо ба гирифтани дониш ва ба қолаб андохтани одобу рафтори худ муяссар гарданд. Беш аз ҳама ин масъаларо Н.П. Остроумов,

